«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
________________Сатторзода Б.А.
«_18_» ___марти___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25 сентябри соли 2025, №10 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши таърихи рушди адолати судӣ ва ниҳодҳои амалисозандаи он дар тамоми дару замонҳо мубрамм буд ва имрӯз инз аҳаммияти он боқӣ мемонад, чунки, он заминаи мавҷудияти адолати иҷтимоӣ дар кишвар мебошад. Мубраммияти он инчунин аз нақши фаъолияти рӯзмарраи ниҳодҳои судӣ ва таъсири онҳо дар ҳаёти инсон ва ҷомеа бармеояд. Шаҳрвандон ҳамарӯза барои ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ ба ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ муроҷиат мекунанд ва аз баррасии даъвою шикояти мардум, ба вуҷуд омадани шароити боварӣ, оромӣ, ва қонуният дар кишвар вобаста мегардад. Дар баробари ин, баррасии масоили вобаста ба амалисозии адолати судӣ ва махсусан ниҳодҳои амалисозандаи он на танҳо баҳри донистани таърих, балки беҳтар намудани шароити фаъолияти ниҳодҳои мазкур, ташаккулу таҳкими мақоми ҳуқуқӣ ва рушди танзим ва сохтори ниҳодҳои мазкур бағоят муҳим ба назар мерасад.

Аз ҷониби дигар, фаъолияти танзимшавандаи ниҳодҳои судиро оид ба таъмини адолати судӣ таҳлил намуда, нақши мақомоти судиро дар таъмин ва

ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд бояд баррасӣ кард. Дар умум, баррасии масоили вобаста ба инъикоси таърихии фаъолияти мақомоти судӣ, адолати судӣ, ниҳодҳо ва зинаҳои гуногуни сохтори судҳо барои рушди ниҳодҳои давлатдорӣ хизмат намуда, яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравroutined. Аз ин лиҳоз таҳқиқи масоили гузошташуда, ниҳодҳои татбиқи адолати судӣ, рақобатпазирӣ, баробарҳуқуқии тарафҳо, бешубҳа мавзуи мубрами илмӣ буда, ҷанбаҳои таърихии нави илмиро дар ин самт ошкор менамояд.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Алиназарова К.Ғ. қайд мекунад, ки оид ба фаъолияти ниҳодҳои адолати судӣ дар осори таърихиву ҳуқуқӣ, андешаҳои судманд ва баҳодиҳии объективона дар осори гузаштагонамон мушоҳида мешавад. Аз ин хотир мавзуи ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ ва махсусияти фаъолияти онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон қисми муҳими тадқиқоти ниҳодҳои адолати судӣ ва низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, ташаккул ва рушди фаъолияти судҳоро дар таҷрибаи амалии ниҳодҳои судии ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Хусусияти масъалагузории мавзуи мазкур дар он аст, ки омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои судии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни таърихиро дар бар мегирад, ки ҳар яке моҳият, сохтор ва усулҳои фаъолияти хоси худро доштанд, аз ҷумла таҳлили фаъолияти судҳои анъанавӣ, судҳои қозӣ, судҳои халқӣ ва судҳои даврaи Шӯравӣ ва даврaи Истиқлолият моро ба хулосае меоварад, ки таҷрибаи фаъолияти онҳо, усулу воситаҳои истифодакардаи ин ниҳодҳо метавонанд дар оянда баҳри такмиили қонунгузорӣ ва амалияи судии кишвар хизмат намоянд.

Мубраммияти мавзуъ нисбат ба омӯзиши таърихи адолати судӣ дар минтақаи Бадахшон низ алоқамандӣ дошта, таҳлилҳо баёнгари он мебошанд, ки як қатор махсусият на танҳо ба ниҳодҳои судӣ, балки ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ - шаҳрвандон ва рафтори онҳо низ хос будааст. Бояд қайд намуд, ки унвонҷӯ тавонистааст, ки махсусияти амали мақомоти судӣ ва ниҳодҳои анъанавиву ҷамъиятии баррасии баҳсҳои ҳуқуқиро дар минтақаи мазкур ба таври мушаххас ошкор ва таҳлил намояд. Омӯзиши равандҳои рушди ин муносибатҳо, ошкор намудани таносуби байни мақоми судӣ ва ниҳодҳои дигари ҷамъиятии машғул ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ ва дигар дар ҷомеа, омӯзиши дақиқи муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни ҷомеа дар муносибатҳои мурофиавӣ муҳиммияти масъаларо бештар мекунад.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи: «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон», ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи

«Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон » дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад.

Рисолаи мазкур рушди ниҳодҳои судиро таҳлил намуда, аввалин таҳқиқоти ҳуқуқии бахшида ба фаъолияти ниҳодҳои адолати судӣ дар ҳудуди минтақаи Бадахшони Тоҷикистон мебошад. Дар рисола нақши урфу одат ҳамчун сарчашмаи муҳими ҳуқуқи анъанавӣ ва масъалаи ширкати рӯҳониёни исмоилӣ дар баррасии баҳсҳои ҳуқуқии байни аҳолӣ ошкор карда шудааст. Муаллиф ба манбаҳои таърихӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ такя намуда, таърихи рушди ниҳодҳои судиро дар минтақа даврабандӣ менамояд. Инчунин рисолаи мазкур кушиши аввалин дар роҳи таҳлилу мураттабсозии таърихи мукаммали фаъолияти судҳо дар ВМКБ мебошад. Муаллиф махсусияти амали ниҳодҳо ва сарчашмаҳои одатӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи Шӯравӣ ва муосир, инчунин таносуби байниҳамдигарии онҳоро дар мисоли Бадахшон ошкор менамояд.Натиҷаҳои диссертатсия вобаста ба афзоиши нақши низоми судӣ дар давлатдории муосири тоҷикон илман хулоса гардидааст, зеро ҳокимияти судӣ шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, дар низоми ҳокимияти давлатӣ мақоми хоси худро ишғол мекунад. Албатта, омӯзиши масъала дар миқёси як минтақа дар ғанӣ гардондани илми ҳуқуқшиносӣ, назарияи он, методологияи соҳа ва таърихи рушди ниҳодҳои адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян мегузорад, зеро гуногунии таърихи рушди ниҳодҳо омӯзиши масъаларо ҷолиб гардонида, нусхаҳои гуногуни ҳалли масоили пешомадаро барои мо ошкор месозад, ки дар дурнамо истифодаи онҳо метавонад мубрам гардад. Аз ҷониби дигар, ошкор гардидани камбудиҳои соҳа дар таърихи рушд ва то имрӯз барои ислоҳ намудани вазъи он, бартараф кардан ва ё имкони истифодаи хусусиятҳои минтақавӣ дар амалисозии адолати судӣ хизмат намуда, барои беҳтару хубтар ба роҳ мондани фаъолияти ниҳодҳои адолати судӣ роҳ мекушояд.

Ҳангоми таҳқиқоти мавзуъ на танҳо марҳилаҳои гуногуни рушд, балки мақомоти судӣ дар робитаву алоқамандӣ бо дигар мақомоти давлатӣ таҳлил гардидааст, ки ин тарзи омӯзиш барои баҳои объективӣ додан ба мавқеи мақомоти судӣ имконият фароҳам овардааст. Ин ва дигар заминаҳо, аз ҷумла то имрӯз камтаҳқиқ будани омӯзиши минтақавии амалисозии адолати судӣ барои интихоб гардидани мавзуи мазкур ва таҳлилу баррасии илмӣ гашта, бомуваффақият анҷом додани он боиси комил гаштани холигиҳо дар омузиши таърих ва усулҳои фаъолият, ниҳодҳои судии Тоҷикистон ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Ҷиҳати муҳими диссертатсия дар он ифода мeёбад, ки муаллиф мушкилоти татбиқи амалии фаъолияти мақомоти судиро таҳлил намуда, норасоиҳо ва ихтилофоти мавҷударо ошкор кардааст. Дар ин замина, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии татбиқи қонунгузории судии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва фаъолияти судҳо асоснок пешниҳод гардидаанд. Ин пешниҳодҳо хусусияти амалӣ дошта, метавонанд дар раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории миллӣ истифода шаванд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида бо таҳлили илмии амиқ ва маводи кофии назариявию амалӣ асоснок гардида, дорои аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди минбаъдаи назарияи умумии ҳуқуқ, раванди қонунэҷодкунӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин дар ҷараёни таълим ва омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ мавриди истифода қарор гиранд. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои зиёди таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-муқоисавӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтанд.

Унвонҷӯ Алиназарова К.Ғ. рушди ниҳодҳои судиро таҳлил намуда, аввалин маротиба нақши урфу одат ҳамчун сарчашмаи муҳими ҳуқуқи анъанавӣ ва масъалаи ширкати рӯҳониёни исмоилӣ дар баррасии баҳсҳои ҳуқуқии байни аҳолӣ дар Бадахшонро ошкор карда шудааст. Муаллиф ба манбаҳои таърихӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ такя намуда, таърихи рушди ниҳодҳои судиро дар минтақа даврабандӣ менамояд. Инчунин рисолаи мазкур кушиши аввалин дар роҳи таҳлилу мураттабсозии махсусан таърихи мукаммали тошуравии фаъолияти судҳо дар ВМКБ мебошад. Муаллиф махсусияти амали ниҳодҳо ва сарчашмаҳои одатӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи Шӯравӣ ва муосир, инчунин таносуби байниҳамдигарии онҳоро дар мисоли Бадахшон ошкор менамояд. Аз он ҷумла:

-дар рисола баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби назорат ва ҳолатҳои нав ошкоршуда, инчунин дар марҳилаи иҷрои ҳукм дар шакли махсус амалӣ шуда, бо хусусиятҳои хос мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

- ҳамчунин дар рисола бори аввал тавозун, таносуб ва тазодҳои фаъолияти сардорони дастаи ҳарбии Русия ва маъмурияти амири Бухоро дар Помир таҳлил шуда, тарзи амалисозии онҳо нишон дода мешавад;

-дар рисола ҳамчун навгонӣ фаъолияти ҳуқуқии пирҳои мазҳабӣ таҳлил шуда, давраҳо ва самти фаъолияти онҳо мушаххас карда шудааст;

- дар таҳқиқот бори аввал сохтор ва тартиби кори судҳои давраи аввали Шуравӣ таҳлил шуда, аз ҷумла хусусияти таълимӣ доштани фаъолияти онҳо баррасӣ карда мешавад, ки он дар шакли гузаронидани дарси ҳуқуқӣ, маҳфили ҳуқуқӣ ва тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешуд;

- бори нахуст дар рисола фаъолияти судҳои ҷамъиятӣ ва рафиқона дар корхонаҳо

таҳқиқ ва баррасӣ шуда, зарурат ва аҳамияти онҳо нишон дода мешавад.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дорои заминаи устувори назариявию амалӣ буда, барои рушди минбаъдаи назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, такмили қонунгузории миллӣ вобаста фаъолияти судҳо ва нақши онҳо дар амалисозии адолати судӣ  дар низоми ҳуқукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас ва арзишманд доранд.

**Аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дорои аҳамияти муҳими илмӣ, назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар рушди таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат истифода шаванд.

Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар доираи таҳқиқот ниҳодҳои адолати судӣ  ҳамчун категорияи бунёдии таърихи давлат ва ҳуқуқ ба таври мукаммали илмӣ таҳлил гардида, мафҳум, моҳият, мазмун ва ҷойгоҳи ниҳодҳои судӣ дар низоми ҳуқуқ муайян шудаанд. Муаллиф нақши ниҳодҳои амалисозандаи адолати  судиро дар ташаккул ва амалкарди меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок намуда, хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст, ки барои рушди минбаъдаи илми назарияи ҳуқуқ ва давлат  аҳамияти назариявӣ доранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида метавонанд татбиқи амалии худро дар фаъолияти минбаъдаи судҳо пайдо намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин маводи дарсӣ барои донишҷӯён дар соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, фаъолияти судҳо, барои таҳқиқоти минбаъда дар  мавзуи таърихи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи муҳим барои ғанӣ гардонидани донишҳои ҳуқуқӣ аз таърихи низоми судии Тоҷикистон хизмат мекунад.

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки нуктаҳои назариявӣ ва хулосаҳои пешниҳодшуда қисматҳои алоҳидаи назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро рушд ва такмил медиҳанд ва барои илмҳои соҳавии ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ низ метавонанд ҳамчун асоси методологӣ хидмат намоянд

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар сатҳи баланд қарор дошта, бо таҳлили амиқи масъалаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва  назариявӣ вобаста ба ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ асоснок гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методологияи

мукаммали илмӣ таъмин карда шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмӯи методҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла методҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ. таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомнок ва функсионалӣ истифода гардидаанд. Муаллиф ба сарчашмаҳои таърихӣ, адабиётҳои илмӣ, бойгонии вилоятиву ҷумҳуриявӣ, осори илмии мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, таҳлили илмиро дар асоси манбаъҳои боэътимод анҷом додааст.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳум, моҳият ва мазмуни адолати судӣ, ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқ ва нақши онҳо дар фаъолияти минбаъдаи қонунгузорӣ тасдиқ мегардад. Хулосаҳои муаллиф бар асоси таҳлили муфассали назарияҳои ҳуқуқшиносии классикӣ ва муосир, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ шакл гирифтаанд, ки дурустии илмии онҳоро таъмин менамояд.

Истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба муаллиф имкон додааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи мафҳуми адолати судиро ошкор намуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии асоснок пешниҳод намояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ боэътимод, дуруст ва асоснок буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва баланд бардоштани сифати фаъолияти кории судҳо истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди мустақилияти илмӣ, таҳлили амиқи масъалаҳои назариявӣ ва таҳияи эҷодкоронаи маводи илмӣ бармеояд. Ҳамаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия ифодаёфта маҳсули фаъолияти мустақилонаи муаллиф буда, дорои навгониҳои назариявӣ ва аҳамияти назарраси амалӣ мебошанд.

Муаллиф бори аввал дар сатҳи илмӣ масъалаҳои махсусияти амали ниҳодҳо ва сарчашмаҳои одатӣ, ҳуқуқи исломӣ ва муосирро дар минтақаи Бадахшон ба таври муфассал таҳлил намуда, таносуби байниҳамдигарии онҳо дар мисоли амали онҳо дар минтақа асоснок кардааст. Саҳми шахсии муаллиф махсусан дар таҳияи таърифи мафҳуми “амалисозии адолати судӣ” ва “адолати судӣ”, пешниҳод намудани таснифоти онҳо, инчунин дар ошкор намудани фаъолияти ниҳодҳои алоҳидаи судӣ зоҳир мегардад.

Ҳамзамон, саҳми шахсии муаллиф дар таҳияи мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, инчунин дар ворид намудани натиҷаҳои таҳқиқот ба раванди таълим ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ифода ёфтааст, ки аз арзиши баланди назариявӣ ва амалии диссертатсия шаҳодат медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 25 мақолаҳои илмӣ ба табъ расида, дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 14 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳод кардаи довталаб ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Алиназарова, К.Ғ Амали меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ ва ҳуқуқи исломӣ дар ҳудуди Помири тоҷӯрави [Матн] К.Ғ.Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. –2018. – № 4 . – С. 23-25. ISSN: 2305-0535.

**[2-М].** Алиназарова, К.Ғ Таърихнигории таърихи суди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон [Матн] К.Ғ.Алиназарова//Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.-Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2019. – №7.– С. 63-65. ISSN: 2074-1847.

**[3-М].** Алиназарова, К.Ғ Фаъолияти судҳои ҷамоатӣ дар ҳудуди Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон [Матн] К.Ғ.Алиназарова //Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2019. – №6.– С.117-119. ISSN: 2074-1847.

**[4-М].** Алиназарова, К.Ғ Фаъолияти судҳои Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар даврони истиқлолият (солҳои 1991-2018)[Матн] К.Ғ. Алиназарова // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон - Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2020. – №4. – С.76-79. ISSN: 2074-1847.

**[5-М].** Алиназарова, К.Ғ Масоили таъсиси судҳои Шуравӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон [Матн] К.Ғ.Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №1. – С.194-196. ISSN: 2305-0535

**[6-М].** Алиназарова, К.Ғ., Буризода Э.Б. Ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар низоми судии давлатҳои аввалини тоҷикон (дар мисоли давлати Ҳахоманишӣ) [Матн] К.Ғ.Алиназарова // Правовая жизнь. – 2022. – №3 (39). – С. 19-26. ISSN: 2307-5198

**[7-М].** Алиназарова, К.Ғ. Мафҳуми ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ [Матн] К.Ғ. Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №1.(45). – С. 210 – 215. ISSN: 2305-0535

**[8-М].** Алиназарова, К.Ғ. Пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон [Матн] К.Ғ. Алиназарова // Паёми Филиали Донишгоҳи Давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – Том 1, – №1.(30). – С.43–49.

**[9-М].** Алиназарова, К.Ғ. Даврабандии таърихи пайдоиш ва рушди

ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон [Матн] К.Ғ.Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2.(46). – С. 55-61. ISSN 2305-0535.

**[10-М].** Алиназарова, К.Ғ Санадҳои меъёрӣ ва асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти судҳо тибқи Конститутсияи соли 1977 (солҳои 1978-1994) [Матн] К.Ғ. Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №4(48). – С.73-77. ISSN 2305-0535.

**[11-М].** Алиназарова, К.Ғ. Ниҳодҳои ҷамъиятии ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ дар минтақаи Бадахшон [Матн] К.Ғ. Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. –№1(53). – С. 75-81. ISSN 2305-0535.

**[12-М].** Алиназарова, К.Ғ. Ниҳодҳои маъмурии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон [Матн] К.Ғ. Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №3(55). 2025. – С.53-58. ISSN 2305-0535.

**[13-М].** Алиназарова, К.Ғ., Буризода Э.Б. Сарчашмаҳои ҳуқуқии амалисозии адолати судӣ [Матн] К.Ғ. Алиназарова // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4 (56). – С. 77-83. ISSN 2305-0535.

**[14-М].** Алиназарова, К.Ғ. Ниҳодҳои динии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон [Матн] К.Ғ.Алиназарова //Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2025. – №4(56). –С.84-90. ISSN 2305-0535.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[15-М].** Алиназарова, К.Ғ. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва ташаккули низоми судӣ [Матн] /К.Ғ.Алиназарова // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди ВМКБ дар даврони истиқлоли давлатӣ», бахшида ба 31– солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 6-уми сентябри соли 2022, ш.Хоруғ. –Хоруғ, 2022. –С. 151-154.

**[16-М].** Алиназарова, К.Ғ. Стратегияи сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти ҳуқуқӣ [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ дар мисоли шароити кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор», бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев. – Хоруғ, 11-12 ноябри соли 2022. –Хоруғ, 2022. – С.251-253.

**[17-М].** Алиназарова. К.Ғ. Таносуби низоми судӣ ва низоми мақомоти судӣ [Матн] /К.Ғ.Алиназарова // II – юмин конфренсияи илмӣ амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик. – Душанбе, 29 апрели соли 2023. –Душанбе, 2024. – С.95-99.

**[18-М].** Алиназарова, К.Ғ. Ваҳдати миллӣ ва нақши он дар таъмини адолати судӣ [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» . – Хоруғ, 13-14 июни

соли2023, ш.Хоруғ. – Хоруғ, 2023. – С.39- 41.

**[19-М].** Алиназарова, К.Ғ. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд- вазифаи конститутсионии ҳокимияти судӣ [Матн] /К.Ғ.Алиназарова // Маводи VI – умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон. ш. Душанбе, 8 декабри соли 2023. – Душанбе, 2024. – С. 32-36.

**[20-М].** Алиназарова, К.Ғ Нақши маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар бунёди ҷомеаи адолатпарвар" [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маҷмуаи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Маърифати ҳуқуқӣ - омили тарбиявии ҷавонон дар ҷомеаи муосир" бахшида ба эълон гардидани - соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқи" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Хоруғ, 2024.– С.28-33.

**[21-М].** Алиназарова, К.Ғ. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва нақши калидиии он дар таҳкими ҳокимияти судӣ [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ конфренсияи илмӣ – амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Истиқлолияти давлатӣ- заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд» Бахшида ба 33 – солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 3 сенятбри соли 2024. –Душанбе, 2024. – С. 108-112.

**[22-М].** Алиназарова, К.Ғ. Принсипи адолат дар Эъломияи ҳуқуқи башар [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маводи VII- уми конференсияи байналмилалии илмӣ - назариявии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ" бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва эълон гардидани "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ш.Душанбе, 10 декабри соли 2024. – Душанбе, 2025. – С. 282-286.

**[23-М].** Алиназарова, К.Ғ. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими ҳокимияти судӣ [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ". – Душанбе, 25 октябри соли 2025. –Душанбе, 2025. – С. 276-280.

**[24-М].** Алиназарова, К.Ғ. Фаъолияти ҳокимияти судӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 25-уми феврали соли 2025. – Душанбе, 2025. – С.193-198.

**[25-М].** Алиназарова, К.Ғ. Масъалаҳои амалигардонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / К.Ғ.Алиназарова // IV-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик. ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025. – Душанбе, 2025. – С. 315-318.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима,

се боб ва даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ моҳияти илмӣ ва аҳамияти амалии мавзуи интихобшуда вобаста ба таҳқиқи ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ бо далелҳои қотеъ ва асоснок равшан карда шудааст. Сатҳи таҳқиқи масъала дар сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти илмии ватанӣ, бойгонии вилоятиву ҷумҳуриявӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, ҳолати омӯзиши илмии мавзуъ ба таври муфассал арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон, дар қисмати муқаддимавӣ мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, инчунин асосҳои назариявию методологии таҳқиқот ба таври возеҳ ва мантиқӣ муайян шудаанд.

Сохтори диссертатсияи Алиназарова К.Ғ. дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба мақсади таҳқиқот ҳамоҳанг буда, мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 236 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ **"Мафҳуми адолати судӣ, таърихи пайдоиш ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон"** масъалаҳои асосии назариявии вобаста ба кори судҳои давраи аввали таъсисёбии он ва мафҳуми принсипҳои кори судҳо мавриди таҳлили амиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки «салоҳияти суд, ҳудуди тобеияти он, тартиби баррасӣ ва ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи қонун муайян карда мешавад ва бо салоҳдиди суд ё шахсони воқеӣ тағйир додани он ғайриимкон аст. Баррасии парванда дар суд ва аз ҷониби судя маънои онро дорад, ки адолати судӣ оид ба парвандаҳо танҳо аз ҷониби судҳои тобеияти умумӣ, ки қисми низоми муқарраршудаи судӣ мебошанд, тибқи қоидаҳои тобеияти парвандаҳо баррасӣ мешавад". (с.22) Дар илова бар ин муаллиф менависад, ки "мусобиқа ва баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиа ҳамчун принсипи мурофиавӣ муқаррар карда шудааст, ки онҳоро бояд ҳамчун принсипи асосӣ, ғояҳое, ки дар асоси онҳо мурофиа баргузор мегардад, эътироф намуд, чунки мусобиқа ва баробарии тарафҳо на танҳо дар татбиқи адолати судӣ, балки дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амал мекунад".(с.23) Дар ин боб мафҳуми ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ, мақомот, ниҳодҳо ва низоми судӣ, таносуби ҳокимияти судӣ ва низоми судӣ, пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон ва минтақаи Бадахшон

ва даврабандии таърихи пайдоиш ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Муаллиф менависад, ки “даврабандии таърихи ҳуқуқ ва давлат, бахусус ниҳодҳои судӣ тақозо мекунад, ки дар доираи рушди таърихии ҳуқуқ ва давлат фарқиятҳо ва хусусияти хоси ҳар як марҳила мавриди таҳлил қарор гирад. Тадқиқоти низоми ниҳодҳои судии давлатдории тоҷикон дар шакли масоили назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳлили муқоисавии ҳар давраро тақозо мекунад, зеро бе тақсимбандии системавӣ муайян кардани дараҷаи функсионалии амали ниҳодҳои судӣ ва вобастагии онҳо аз шароити сиёсӣ-маъмурӣ ғайриимкон мебошад. Таърихи пайдоиш ва даврабандии ташаккули низоми ниҳодҳои судӣ ҳамчун тадқиқоти илмӣ марҳилаҳои гуногуни фаъолияти судҳоро дар бар мегирад, ки решаҳои он ба давраҳои қадими таърихи тоҷикон мепайванданд. Оғози фаъолияти ниҳодҳои судӣ дар минтақаҳои имрӯзаи Тоҷикистон ба марҳилаи зардуштии он рост меояд, зеро аз ҳамон давра таъмини адолат пояи асосии устувории ҷомеа маҳсуб мешуд.” (с.54) Хулосаҳои боби аввал заминаи мустаҳками назариявӣ барои таҳлили минбаъдаи масъалаҳои татбиқи фаъолияти судҳоро дар қонунгузорӣ ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд.

**Боби дуввуми диссертатсия “Пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар минтақаи Бадахшони Тоҷикистон” масъалаҳои** ниҳоди давлатии амалсиозандаи адолати судӣ дар Бадахшони то шуравӣ, ниҳоди ҷамъиятии ҳалли баҳсҳои хуқуқӣ, ниҳодҳои анъанавии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон, ниҳодҳои маъмурӣ ва ниҳоди мустамликавии ҳарбии баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ дар Бадахшон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Муаллиф дар зербобҳои боби мазкур ниҳодҳои баррасии баҳсҳои ҳуқуқӣ ва амалисозандаи адолати судиро таҳлил ва хусусиёти фаъолият, таъсиси, механизмҳои иҷрои қарори онҳоро ошкор намдааст. Дар зербобҳои боби мазкур инчунин низоми ниҳодҳои адолати судӣ, аз ҷумла суди анъанавӣ, суди давлатии қозӣ, ниҳоди мазҳабии баррасии даъвоҳо, суди мустамликавии ҳарбии Русия,суди маъмурӣ ва ғайра мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ тавонистааст, ки салоҳият ва доираи тобеъияти ҳар яки онҳоро ошкор намояд. Дар баробари омӯзиши масоили вобаста ба мавзуит таҳқиқшаванда, унвонҷӯ сарчашмаҳои наву то имрӯз истифоданашударо ба илм ворид намудааст. Ин сарчашмаҳо, ки аз забони англисӣ тарҷима шудаанд, маҷмӯаи қарор ва ҳукми қозиён ва ҳарбиёни Русия дар Хоруғ ва Ишкошим мебошанд, маводи муҳими илмӣ барои омӯзиши таърихи ниҳодҳои судии минтақа ба шумор мераванд.

**Дар боби сеюми диссертатсия бо номи “Ҳокимияти судӣ дар давраи шуравӣ, Тоҷикистони мустақил ва дурнамои рушди он“** муаллиф масъалаҳои ниҳодҳои амалисозандаи адолати судии ВМКБ дар ҳайати ҶШС Тоҷикистон ва амалигардонии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва дурнамои рушди онро таҳлил мекунад. Таърихи фаъолияти судҳо дар Вилояти Мухтори

Кӯҳистони Бадахшон ба андешаи унвонҷӯ нишон дод, ки аз аввали таъсисёбӣ то ба имрӯз кормандони суд дар роҳи таъмини адолати судӣ ва паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ нақши муҳим доштанд, аммо "новобаста аз дастовардҳо, низоми судии кишвар ҳоло ҳам ниёз ба ислоҳот ва таҷдид дорад". Мавқеи ниҳоди суд ва нақши калидии он барои ҷомеаи муосир, судяҳоро водор месозад ки дар самти таъмини адолати судӣ масъулияти бештар эҳсос намуда, дар пешрафти ҷомеъаи солим, сулҳхоҳ ва адолатпарвар саҳмгузор бошанд. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки судҳо дар таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон нақши асосӣ доранд ва танҳо ҳифзи ин ҳуқуқ ва озодиҳо меъёри баҳогузории фаъолияти судҳо ба шумор меравад. Омӯзиши ин мавзуъ имкон додааст, ки фаъолияти судҳо дар ноҳияҳои дурдаст мавриди таҳлил қарор дода шуда, риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар мисоли ин ноҳияҳо таҳқиқ гардад, зеро дар аксар мавридҳ таҷрибаи дахолат кардан ба кори мақомоти судӣ маҳз дар ноҳияҳо аз тарафи ниҳодҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мушоҳида мешавад.

Диссертатсия дорои аҳамияти амалӣ буда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, судӣ ва ҳуқуқтатбиқкунанда истифода шаванд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад. Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳия гардида мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррасӣ илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ, навгонӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори илмӣ баъзе нуқсонҳо ва мулоҳизаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки метавонанд дар ҷараёни муҳокимаи илмӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд:

1. Дар рисола ба таҳлили таърихии мақомоти судӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст, аммо дар баъзе ҳолатҳо мисолҳои мушаххаси амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ барои тасдиқи хулосаҳои таҷрибаи судӣ кофӣ истифода нашудааст. Густариши таҳлили раванди мурофиаи судӣ ё таҷрибаи мурофиаи баҳс дар даврai қозиҳо метавонист аҳамияти амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият бахшад.

2. Дар масъалаи даврабандии фаъолияти судҳо, муаллиф андешаҳои муфассал ва асоснок пешниҳод менамояд, вале бархе аз шаклҳои даврабандии пешниҳодшуда метавонанд хусусияти баҳсталаб дошта бошанд. Аз ҷумла, даврai суди қозиҳо ва отряди ҳарбӣ баъзан як давраро фаро мегирифт ва хуб мешуд тақсими ваколати онҳо дар мисоли стенограммаи алоҳидаи судӣ аз бойгонӣ ёфта, ҳамчун мисол дар диссертатсия нишон дода мешуд.

3. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ дар саҳифаҳои 40, 65, 125, 131 мушоҳида мешаванд.

Эродҳои мазкур танҳо ҳамчун тавсия баҳри бартараф намудани камбудиҳои дар таҳқиқот ба ҳисоб рафта, наметавонад аҳамият ва сатҳи илмӣ-назариявии таҳқиқоти мазкурро коҳиш диҳад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Алиназарова Кифоят Ғуломназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ниҳодҳои амалисозандаи адолати судӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ дар мисоли Бадахшон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ – назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ №10 аз 13 марти соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобозода Ҷамрод Қурбон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок

доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти № 9 аз 16 марти соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А.

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва
молиявии Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ
ва молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

Имзои Табаров Н.А., Бобозода Ҷ.Қ., ва котиби ҷаласа Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроғa: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992(37)231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

«18» марти соли 2026